ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ БОЗОРИ МЕҲНАТ

[1]Бобохонов О. А., [1]Файзуллоев Б., [2]Собиров Х.С
[1]Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
[2]Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

Муаллифон дар ин мақола таъкид мекунанд, ки дар солҳои охир бозори меҳнати ташаккулёфтаро метавон ҳамчун номутавозунии байни талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ тавсиф кард. Набудани кор дар кам будани махорати касбӣ ва тахассуси коргарони сохаи хочагии деҳот низ мушохида мешавад. Инчунин маълум аст, ки барои муайян намудани нақши бахши кишоварзӣ дар таъмини шуғли аҳолӣ, сифати зиндагӣ ва амнияти озуқавории кишвар бояд тамоюли рушди бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ муайян карда шавад.

Муаллифон инчунин таъкид мекунанд, ки такмил додани сиёсати давлатӣ оид ба муайян кардани вазифахои ичтимоию иктисодӣ аз чихҳати бо кор таъмин намудани ахолӣ ва чустучуи усулхои нави ба максад мувофик истифода бурдани кувваи корӣ дар хоҷагии кишлок объективӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити гузаштан ба иктисоди бозаргонӣ, ки дар асоси серсоҳа будани субъектҳои хочагидорӣ асос ёфтааст, омузиши проблемаҳои фаъолияти бозори аграрии меҳнат ва инкишофи минбаъдаи он дар миқёси умумидавлатӣ ахамияти калон пайдо мекунад. Бо вуҷуди он, ки ҷумҳурӣ аз ҷиҳати таъмини амнияти озуқавории кишвар дар гурӯҳи 8-ум қарор дорад, суръати сусти паст кардани сатҳи бекорӣ, набудани ҷойҳои корӣ ё нокофии музди меҳнат, вобастагии қисман аз озуқа ва як қатор дигар омилҳое, ки ба рушди иқтисодӣ монеъ мешаванд, мушкилоти ҳалнашудаи ташаккул ва такмили бозори меҳнат дар бахши кишоварзиро инъикос мекунанд.

***Калидвожаҳо**: иқтисод, бозори меҳнат, меҳнат, бозори кишоварзӣ, қувваи корӣ.*

В экономическом материаловедении рынок труда, в целом, воспринимается как система экономических отношений между субъектами данного рынка по поводу комплексных отношений купли-продажи и трудовых услуг, включая подготовку, переподготовку, повышение уровня квалификации и задействование людей в процесс производства.

Стоит отметить, что рынок труда должен рассматриваться как совокупность социально-экономических отношений с применением рабочей силы в общественном производстве. В более широком понимании рынок труда - это система общественных отношений в рамках юридических норм, обеспечивающая естественную репродукцию и эффективное использование рабочей силы в целом. Если говорить о более узком значении рынка труда, то это - система отношений между работодателем - владельцем средств производства и работниками - собственниками рабочей силы для удовлетворения требований первых от собственников рабочей силы как детерминант производства и вторых - вложение физического и интеллектуального труда как источник средств для существования.

В итоге данного процесса обмена между работодателем и собственником рабочей силы сформировывается занятость экономического характера, тем самым удовлетворяются обоюдные потребности участников - работодателя с одной, работника с другой сторон, направленность и динамика развития которого и определяет развитие социально-экономического состояния страны, национального рынка труда, кроме того, это дает возможность интегрирования в международный уровень.

В практике деятельность государственных структур, связанных с функционированием рынка труда, воспринимается как рынок рабочей силы с учетом разного вида социально-экономических элементов и политических задач, исходя из нормативов единства социально-экономических процессов.

Соответствующие социальные службы занятости понимают и проводят активную политику по занятости, улучшая функционирование данного рынка, и создают эффективные сети специализированных институтов, повышая эффективность инфраструктуры, действующих пропорционально с рынком, а не вопреки ему, дабы мотивация поведения

трудящихся и работодателей была не только интерперабельным, но и социально-экономически оптимальным.

В совокупности экономических отношений рынок труда формируется между собственником (потенциальный работник) и её потенциальным покупателем (покупатель, дающий взамен денежное вознаграждение) по поводу рабочего места, где должны производиться товар или услуга. Тем самым собственник рабочей силы создаёт себе возможность приобретения постоянного (или временного) рабочего места, на котором он может работать, проявляя способности зарабатывать денежные средства, необходимые для репродукции рабочей силы.

В свою очередь работодатель получает экономически выгодные условия для получения прибыли. Данный процесс и является основным определяющим подлинного содержания рынка труда как рынка занятости.

Рынок занятости может рассматриваться на разных уровнях:

- международном;
- национальном;
- местном;

Местная сегментация рынка занятости играет решающую роль в формировании предложения рабочей силы, поскольку её воспроизводство осуществляется преимущественно на конкретной территории. Далее, при условии нормального функционирования в данном уровне рынок труда достигает национального и международного уровней.

Основным источником богатства общества, главным фактором создания материальных и духовных благ человечества является труд. Ускорение научно-технического прогресса способствует совершенствованию средств труда, вовлечению в процессе производства всех новых предметов труда. Но несмотря на развитие науки и техники труд не утратил своей определяющей роли в процессе производства, а человек - своей роли в процессе труда.

Предложение труда формируется в зависимости от социально-демографической структуры населения, структуры занятости общественно-полезной деятельностью, профессионально-квалифицированной структуры рабочей силы. В свою очередь на спрос на труд оказывают влияние природные условия, регионально-экономические особенности, ускорение научно-технического прогресса, инвестиционная и социальная политика.

Рынок труда – основной механизм роста экономики и определяющий фактор уровня жизни и занятости населения любой страны. Это важная многоплановая часть экономической жизни любой страны. Он должен охватывать как рынок труда, так и процесс прямого использования трудового потенциала в общественном производстве.

Рынок труда, как один из самых эффективных механизмов экономики, является взаимосвязанной системой общественных отношений между работодателями, работником и государством с целью воспроизводства трудовых и производственных возможностей в разных направлениях. Рынок труда — это сложный социально-экономический механизм, который отражает комплекс взаимоотношений по поводу воспроизводства труда, целью которого является обеспечение населения средствами существования.

В более широком понимании понятие рынка труда должно пониматься как система общественных трудовых отношений с соблюдениями норм общественных прав человека. В узком понимании рынок труда это– конъюнктура, где с одной стороны работодатель, имеющий свободные рабочие места, предлагает вакансии с целью получения прибыли посредством рабочей силы, предлагая взамен денежные средства, а с другой стороны работник, ищущий работу с целью удовлетворения личных потребностей, между которыми заключается договор об уровне заработной платы и условий труда. [74]

Под понятием конъюнктуры рынка труда должны пониматься социально-экономически обусловленная пропорция спроса, предложения рабочей силы и уровень заработной платы на рынке труда. Конъюнктура рынка труда — это одно из трёх состояний:

- сбалансированность между спросом и предложением рабочей силы;
- дефицит рабочей силы;
- безработица.

Предложение рабочей силы на национальном или региональном уровнях должно рассматриваться как сложившаяся при определенных экономически- социальных условиях общая численность потенциально трудоспособной части населения.

Рабочая сила главный товар на рынке труда, интерпретируемая авторами как физические и интеллектуальные способности, используемые человеком в процессе трудовой деятельности. Однако, труд отличается от обычного товара своей специфичностью. По К. Марксу товар- вещь, благодаря которой человек удовлетворяет свои человеческие потребности. Товар является результатом человеческого труда. Обычно при покупке товара покупатель приобретает права на отчуждение, распоряжаясь с ним по своему усмотрению. В отличии от обычного товара труд неотделим от своего владельца. При покупке труда работодатель приобретает права на временное и частичное использование способностей к труду работника. Иначе говоря, при покупке рабочей силы как «товар» наниматель имеет дело с человеком, имеющим определенные индивидуальные навыки и общественные права, которые наниматель не имеет права нарушать.

Индивидуальные способности работника развиваются в рамках развития его личности, она не является статичной - раз и навсегда заданной величиной, а наоборот, является подвижной, прогрессирующей, развивающейся. Исходя из этого факта, естественным образом должно привести к обоснованию разработки новаторских методов управления человеческими ресурсами (рабочей силой), стимулирующих перевоплощению индивидуальной рабочей силы наёмных работников в интересах общества.

Уровневая структура индивидуальных способностей работника определяется следующими элементами:

– физиологическая составляющая рабочей силы, которая зависит от демографических показателей и состояния здоровья человека (роль данной составляющей с точки зрения формирования и развития индивидуальных способностей очевидна

– уровень квалифицированности и компетентности рабочего, вырабатываемый в);

– процессе профессиональной подготовки и опыта, приобретаемым в процессе труда, которые обеспечивают особый уровень квалификации работника;

– стимулирующий компонент рабочей силы – система мотивирования работника, применяемая к конкретному работнику.

Вышеперечисленные показатели индивидуальной рабочей силы в совокупности являются составляющими формирования работника и прогрессируют в течение его жизни. Поэтому при применении конкретных форм и методов управления рабочими силами целесообразным является принимать во внимание всю сложность такого явления, как индивидуальная рабочая сила.

В отличии от труда занятость несет несколько иной характер. Человек, будучи занятым, может отдыхать, путешествовать, заниматься тем, чем ему угодно, но при этом он будет считаться занятым, поскольку он имеет постоянное рабочее место. И совсем наоборот, трудящийся человек необязательно считается занятым. В то время, когда деятельность (трудящийся человек) объявляется занятостью (занятой человек), то деятельность аутентифицируется трудом, поскольку занятость не является синонимом слова труд. Как всякий вид деятельности труд прерывен и периодически чередуется другими видами деятельности, к примеру отдыхом. Даже в процессе производства лишь определенная часть времени принадлежит труду - рабочий период. Трудящийся человек не всегда значит получающий доход. Труд, воспроизводимый в процессе производства или услуги, принято считать занятостью. Также занятостью принято считать участие человека в процессе трудовой деятельности постоянного характера, приносящего ему постоянный доход. Занятость – это общественно полезная деятельность человека, приносящая ему заработок. К занятым относятся работающие в разных отраслях народного хозяйствования - работа по найму, предпринимательство, лица, самостоятельно обеспечивающие себя заработком, государственная работа и т.п.

«Занятость – деятельность граждан, связанная с удовлетворением личных и общественных потребностей, не противоречащих с законодательством и приносящая им заработок.» Лишь имея связь с каким-нибудь рабочим местом, человек может считаться занятым, являясь при этом членом какого-нибудь рабочего коллектива, работая в коллективном или индивидуальном режиме рабочего распорядка. Статус занятости не обязательно должно определяться тем, чем занят на определенный момент человек. Будучи занятым, он может отдыхать, заниматься спортом и т.п. также не обязательным принято считать, что, будучи занятым работник должен находиться на рабочем (предприятие, офис и т.п.) месте. То есть человек может считаться занятым, выполняя свою работу на дому, на ходу, в автомобиле и т.д.

Существует несколько определений занятости:

- постоянная;
- вторичная;
- неполная;
- нерегулярная;
- теневая;
- частичная.

Постоянной занятостью считается, когда работник работает на одного работодателя, оплата труда производится напрямую. Преимущества постоянной занятости считается наличие социального пакета - оплачиваемые отпуска, медицинские страховки и т.д.

Вторичной занятостью принято считать деятельность человека работой помимо основной работы. Обычно таким видом работы занимаются студенты, работники, имеющие гибкий график работы в основном рабочем месте и т.п.

«Неполный рабочий день — форма занятости, при которой длительность рабочего времени работника меньше, чем установлено работодателем. Обычно к таким работникам причисляют тех, кто работает менее 5-15 часов в неделю. Согласно данным Международной организации труда за последние 20 лет число работников с неполным рабочим днём увеличилось с 1/4 до половины в большинстве развитых стран, исключая Соединённые Штаты. Есть много причин распространения такой модели занятости, например, личные убеждения работника, сокращение времени работодателем или неспособность найти работу на полный рабочий день. Согласно Конвенция о работе на условиях неполного рабочего времени, рабочие с неполным рабочим днём имеют те же трудовые права, что и рабочие с полным рабочим днём. Нерегулярная занятость (англ. Casual employment) — модель занятости, практикуемая в Австралии и предусматриваемая трудовым законодательством Австралийского Союза, при которой работник получает большую почасовую оплату своего труда (по крайней мере на 20 %) в качестве компенсации отсутствия гарантии занятости и других положенных ему преимуществ, например отпуска по болезни. В 2003 году 28 % всех работников работали согласно этой модели. Если в какой-то момент времени отсутствует необходимость в работе, работодатель может законным образом расторгнуть трудовой договор. В порядке поощрения, модель занятости отдельного работника может быть изменена, если он проработал определённое количество рабочих часов в определённый промежуток времени.

С целью выполнения функций рынка труда, которые являются одной из главных составляющих рыночного механизма, необходимо точное определение роли и задач рынка труда в регулировании занятости. Необходимо четкое разграничение между национальным, региональным и местным структурами регулирования рынка труда.

Литература

1. Плакся, В.И. Безработица: теория и современная российская практика (социально-экономический аспект) / В.И. Плакся. – М.: РАГС, 2005. – 384 с.
2. Россик Е.Я., Клюев Ф.Н. Толковый словарь экономических терминов и понятий /Е.Я. Россик, Ф.Н. Клюев. -Ростов-на-Дону: Феникс, 2006. -157 с.

3. Современное состояние рынка труда и прогнозная динамика заработной платы в Республике Таджикистан // Экономика и управление: проблемы и решения. Москва, издательство Дом печати, №3 том 14 март 2019.
4. Токарский, Б.Л. Формирование рынка рабочей силы в крупных промышленных центрах: автореф. дис. канд. экон. наук / Б.Л. Токарский. – СПб.: Изд-во СПбГУ, 1992. – 34 с.
5. Толковый словарь В.И. Даля стр.797
6. Турсунов Р.Р. Роль промышленной инфраструктуры в урегулировании конъюнктуры рынка труда в Республике Таджикистан // Экономика и управление: проблемы и решения. Том 2. – М.: Дом печати, 2019.
7. Шлендер, П.Э. Аудит и контроллинг персонала организации: учеб. пособие /. П.Э. Шлендер. – М.: Вузовский учебник, 2006. – 224 с.
8. Экономическая теория национальной экономики и мирового хозяйства (политическая экономия): учебник для вузов / под ред. А.Г. Грязновой, Т.В. Чечелевой. – М.: Банки и биржи, Юнити, 1998. – 448 с.

Сведения об авторах:

Бобохонов Оим Алихонович- преподаватель кафедры менеджмента Бохтарского государственного университета им. Носири Хусрава. тел: +992 937822220

Файзуллоев Бахтовар - преподаватель кафедры налоги и налогообложение Бохтарского государственного университета им. Носири Хусрава, тел: +992 909800998

Собиров Хайрулло Саъдуллоевич- преподаватель ИЭТ

МАҚСАДИ ИЛМ ВА МАРҲАЛАҲОИ ОН ДАР ТАЪРИХ

Исматов Ф.Ҳ.
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

Дар ин мақола вазифаи илм дар ҷомеъа, марҳалаҳои тараққиёти илм, қонунҳои тараққиёти илм, ихтироҳо дар илм аз тарафи фантастҳои илмӣ, нақшҳо, нависандаҳо оварда шудааст. Илм ин воситаҳои таҷрибави аст, ки барои омӯхтани ҳодисаҳои лозима ки ба он асбобҳо ва таҷҳизотҳо дохил мешаванд, ва бо ёрии онҳо ин ҳодисаҳо қайд ва ба вуҷуд оварда мешаванд.

Калидвожаҳо: *илм,марҳала,қонун, тараққиёт, ихтиро.*

ЦЕЛЬ НАУКИ И ЕЕ СТАДИИ В ИСТОРИИ

Исматов Ф.Х.
Институт энергетики Таджикистана

В данной статье рассматриваются вопросы исторического развития науки, стадии развития науки, законы развития науки, открытий научных фантастов, художников, писателей. Наука – это и экспериментальные средства, необходимые для изучения явлений – в их число входят приборы и установки, с помощью которых эти явления фиксируются и воспроизводятся.

Ключевые слова: *наука, стадия, закон, развитие, открытия.*

Илм дар ҳар як лаҳзаи вақти дида шаванда аз худ ҷамбасти маҷмуъи донишҳо оиди табиат, ҷамъият, тафаккур, ки дар рафти ҷамъияти – таърихии зиндагии одамон чамъ карда шудаандн ишон медиҳад.

Мақсади илм ин ошкор кардани қонунҳои воқеӣ ҳодисаҳо ва шаҳр додани онҳо.

Вазифаи илм ин ёфтан ва тадқиқот кардани қонунҳои воқеӣ, ки аз назари болои пинҳон мебошанд ва таъмин кардани дониши ин қонунҳо одамонро барои фаъолияти амалии онҳо.

Дар таърихи одамизот чор марҳалаи дарк кардани табиат дида мешавад.

Якум марҳала аз вақтҳои хело қадима (Архимед, Фалес, Милетский ва дигарон) сар мешавад ва тахминан дар асри XV тамом мешавад. Дар он нишондоди синкрети яъне равшан карда нашуда оиди муҳити атрофии олам ташакул ёфта аст; вале алакай дар асрҳои XIII–XIVақидаҳо ва гумонҳо тавлид мешаванд, ки ташакули ибтидои илмҳои табии мебошанд.

Марҳалаи дуюм асрҳои XV – XVI аналитикӣ ном гирифт, азбаски дар ин давра тафаккур ба қисмҳо ҷудо кардани мафҳумҳо мавқеи худро муайян кардан сар мекунад, ки ба пайдошави ва тараққиёти илм оварда расонд: астрономия, физика, химия, биология ва дигар.

Марҳалаи сеюм асрҳои XVII – XX онро синтезӣ меноманд, Дар ин вақт тадриҷан аз нав ба вуҷуд овардани бутунии тасвири табиат рӯй медиҳад дар асоси таҷрибаҳои ҷамъ карда шудаи пешаки.

Марҳалаи чорум охири асри XX ва авали асри XXI. Дар ин ҷо ташакули пешравии интеграли – дифференсалии дарки табиат сар мешавад, яъне илми ягона оиди табиат.

Илм ин бисёр нуқтаи назар, бисёр ҳудуда ва мураккаб сохташудаи феномен мебошад.

Илм ин воситаҳои таҷрибави аст, ки барои омӯхтани ҳодисаҳои лозима ки ба он асбобҳо ва таҷҳизотҳо дохил мешаванд, ва бо ёрии онҳо ин ҳодисаҳо қайд ва ба вуҷуд оварда мешаванд.

Асоси ҳодисаҳои умумии номбар карда шуда технологияи фаъолияти одам оиди тавлиди донишҳо хизмат мекунад яъне илм ин фаъолияти муқараршудаи одам мебошад, ки ба гирифтани дониш равона шудааст.

Тараққиёти илм ва техника ҳамавақт дар шароитҳои конкретии таърихи ва маданияти пайдо мешавад, ки пеш аз ҳама аз рӯи тавоноии истеҳсолии ҷамъият, усулҳои истеҳсол муайян мешаванд.

Ҳамаи таърихи одамизот нишон медиҳад, ки илм дар таъсири талаботҳои амали тараққи меёбад, ва дар навбати аввал талаботи истеҳсол. Вале талаботи истеҳсолот ҳамаи динамикаи мураккаби ташкилёфтани донишро муайян намекунанд, эҷодкунии ақидаҳои нав, назарияҳо, хулосаҳо. Дар ин ҷо қонунҳои хусусии худи амал мекунанд.

Масалан, таърихи илми табиатшиноси бисёр масъалаҳои ихтироъҳои илмиро медиҳад, ки онҳо бе восита ба талаботи ҳаёт натиҷа додаанд:

- ихтироъи барқ;
- дифраксия;
- магнетизм;
-поляризатсия;
-системаи даврии элементҳо ва бисёр дигар.

Фантастҳои илмӣ, наққошҳо, нависандаҳо баъзан қобилияти мудохилашудан ба оянда доштанд. Якчанд масъалаҳоро барои ин меорем.

Англис Родҷер Бэкон дар асри XIII (тақрибан соли 1240) бо забонҳо, математика, астрономия, физика, химия машғул буд ва бисёр ихтироъҳои муҳимро карда. Вай дар бораи аробаҳои дучарха, ки бо ниҳоят тез бе ёрии ҳайвонҳо ҳаракат мекарданд, мошинҳои паррон, хосиятҳо шишаҳои фурӯҳамида ва барҷастагӣ барои чашм (айнак) навишт ва назарияи телескопро эҷод кард.

Дар асри XVI (соли 1560) Френсис Бэкон яке аз барҷастатарини эҷоди шуурии одамизотро асари «Атлантидаи нав»-ро (Новая Атлантида) эҷод кард, ки дар он лоиҳаи ташкили давлатии илмро баён кард, асосҳои логикаи дигар кардани илмро тавсиф кард, офаридани киштиҳои зериобиро, самолёт, кино,радио, телевизион, реакторҳои термоядериро пешгӯи кард.

Дар романи фантасти рус Н.Шелонский « Дар ҷаҳони оянда»
(В мире будущуго) (соли 1892) сухан дар бораи мубаддал шудани элементҳо, масолеҳои синтетики, нақл кардани фикрҳоро дар масофа, антигравитатсия меравад.

А.Толстой дар асари «Гиперболоиди муҳандис Гарин» (Гиперболоид инженера Гарина) муфассал лоиҳаи лазерро тавсиф дод.

Аз 86 пешгӯиҳои нависанда-фантаст Г.Уэллс бештар аз 30 тоаш ба амал омадаанд, ва аз фантастҳои Жюл Верн ва А.Беляев 90% пешгӯиҳо ба амал омадаанд.

Бо алоқа дар боло қайд карда шуда метавонем зарбулмасали халқиро биёрем : « Нав ин кайҳо фаромуш шудаи куҳна мебошад» (Новое-это давно забытое старое). Инро муҳим аст ки ҳар як авлод дар хотир дошта бошад.

Чанде аз қонунҳои тараққиёти илмро дида мебароем.

Қонуни якум. Қонуни нисбии мустақили тараққиёти илм номида мешавад.

Ин гунна нисбии мустақилона дар худ логикаи тараққиёти даруна, талабот ба тартиб даровардани донишҳо, муҳорибаи мулоҳизаҳо, таъсири тарафайни илм, якҷоя амал кардан бо шаклҳои гуногуни шурнокии ҷамъият, пай дар пайи ақидаҳоро дар бар мегирад яъне ҳамаи омилҳо ки аз онҳо тараққиёти илм вобаста аст (агар талаботи истеҳсолро ба назар нагирем).

Қонуни дуюм. Ин қонун чунин воқеаҳоро иникос мекунанд ба монанди танқид ва муҳорибаи мулоҳизаҳо дар илм. Яъне тараққиёти илм дар асоси муҳорибаҳои ақидаҳои нав ва кӯҳна рӯй медиҳад. Бо беҳисобгирии мубоҳисаҳои эҳсосотӣ донишҳои нав бо кӯҳна бе дуруст фаҳмидани анъанаҳо дар илм фаҳмидани илм дар умум имконпазир нест. Вале бо мурури вақт илм ҳатман ба назари ягона ба онҳо меояд.

Қонуни сеюм. Ин қонун ҳамкории илмҳоро ифода мекунад ва дар айни ҳол барои фаҳмидани рӯйдиҳандаи равандҳои тараққиёти илми – техники мазмуни махсус муҳим дорад.

Илм аз худ бутуни ягонаро нишон медиҳад. Соҳаҳои гуногуни илм бо роҳҳои гуногун амал карда бо ҳамдигар тараққи меёбанд:

-бо воситаи истифодабарии донишҳо, ки аз дигар соҳаҳои илм гирифтаанд;

- бо воситаи истифодабарии омӯзиши усулҳои дигар соҳаҳои илм;

- бо воситаи техника ва истеҳсолот;

- бо воситаи омӯзиши хосиятҳои умумии намудҳои гуногуни материя.

Қонуни чорум. Равандҳои математикунонии дар амал ҳамаи фаннҳои илмро тавсиф медиҳад. Математика ҳатто ҳоло ба чунин соҳаҳои дониш ҳамчун таърих, забоншиноси, биология ва дигар дохил шудааст. Дар бисёр қисмҳои физика, астрономия математика олоти ивазнопазир мебошад.

Қонуни панҷум. Ин қонун ба дифференсатсия ва интегратсияи илмҳо мансуб мебошад, ки онҳо бе тағъир дар тараққиёти муосири табиатшиносӣ иштирок мекунанд.

Раванди дифференсатсия ин бакӯлли дигаршавии шохаҳои гуногуни илм дар фанҳои мустақилонаи илмӣ мебошад.

Бо ҳамроҳии ин ҳамин раванд бо раванди интегратсия вобаста мебошад, ки соҳаҳои гуногуни табиатшиносиро пайваст мекунад, барои он ки тараққиёти пурмавҷи илмҳои сарҳади мушоҳида мешаванд: муҳандисии генетики, геологияи молекуляри, биогеохимия, психологияи муҳандиси ва дигар.

Қонуни шашум. Қонуни ворисоти дар илм мебошад. Илм аз худ натиҷаи фаъолияти бисьёр наслҳоро нишон медиҳад. Истифодабари ва тараққиёти донишҳо, ки наслҳои пешина ҷамъ кардаанд аз худ қонуни воқеӣ тараққиёти илмро нишон медиҳад. **Бе он ягон тараққиёт мумкин нест!**

Қонуни ҳафтум. Ин қонунро Ф.Энгельс кашф кардааст «Суръат додани тараққиёти илм», ки то ҳоло амал мекунад.

Қонуни ҳаштум. Ин қонун дар хусуси ногузирии инқилоби илмҳо шаҳодат медиҳад. Таҳлили таърихи тараққиёти табиатшиноси нишон медиҳад, ки вай хело нобаробар тараққи ёфтааст.

Қонуни нуҳум. Ин қонун алоқаи қувватноки илмро бо истеҳсолот тавсиф медиҳад, ки дар ҷамбаст ба дарк кардани илм ҳамчун яке аз элементҳои муҳими иқтидори истеҳсолот оварда расонд. Дар натиҷа тамаддуни техногени пайдо шуд, ки ба ивази он тамаддуни антропогени меояд.

В.И.Вернадский гуфта буд: «Илм ин эҷодкунӣ ҳаёт мебошад. Аз муҳити атрофии ҳаёт тафаккури илмии одам шакли маводҳои ҳақиқии илмии овардашударо мегирад. Илм ин зоҳир кардани амал дар ҷамъияти одамизот ки муштараки тафаккури одамизот мебошад»

Адабиёт

1. Ганзбург Л.Б., Джаншиев С.И., Харламова Т.Е. История техники: В 3ч. Ч. III: Энергетика. – СПб.: СЗПИ,2000.
2. Дьяков А. Ф. Электроэнергетика России. История и перспективы развития. - М.: АО Информэнерго, 1997.
3. Поликарпов В.С. История науки и техники. – Ростов на Дону.: Изд. «Феникс», 1999 г.
4. Энергетика сегодня и завтра /Под ред. А.Ф. Дьякова. – М.: Энергоатомиздат, 1990.
5. История электроэнергетики: в 2т. Т. II /Под ред. Л.Д. Белькинда и др. – М.: НТО: МЭН, 1959.
6. Лабейш В.Г. История энергетики и среда обитания человека. -СПб.: СЗПИ, 1999.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Исматов Фатҳулло Ҳикматович – саромӯзгори кафедраи нерӯгоҳҳои барқии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон.

ГУСТАРИШ ВА ТАШАККУЛИ ХИСЛАТҲОИ ГУМАНИСТӢ ДАР РАВАНДИ ОМОДАГИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Тағайназарова М.С.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,

Дар мақола асосҳои бунёдии ташаккули хислатҳои гуманистӣ дар раванди омодагии касбии муаллими оянда забони англисӣ таҳқиқ шудаанд, авомил ва принсипҳои педагогии ташаккули эътиқоду ҳисси гуманистии донишҷӯ - муаллими оянда забони англисӣ муайян карда шудаанд.

Калидвожаҳо: *арзиш, таҳсилот, забон, омӯзгор, омодасозӣ, касбӣ, англисӣ, хориҷӣ, гуманистӣ, инсонгароӣ, натиҷа, хулоса, ҷамъбаст.*

ФОРМИРОВАНИЯ КАЧЕСТВЕННОЙ ПЕРЕСТРОЙКИ СИСТЕМЫ ИНОЯЗЫЧНОГО ОБРАЗОВАНИЯ НА ОСНОВЕ ГУМАНИСТИЧЕСКОГО ПОДХОДА

Тағайназарова М.С.
Бохтарского государственного университета им. Носири Хусрава

В данной статье автором рассматривается необходимость осуществления в современных условиях качественной перестройки системы иноязычного образования на основе гуманистического подхода, возрождения духовно-нравственных качеств и культуры студенческой молодежи – будущих учителей английского языка для общеобразовательной школы.

Ключевые слова: *ценность, образование язык, учитель, подготовка, профессиональный, английский, иностранный, гуманизм, гуманистический, результат, заключение, итоги.*

Азбаски давраи муосири рушди ҷомеа зарурати таҷдиди назар ва босифати таҳсилотро ба маърази муҳокима ва амал ба миён мегузорад, мақолаи мазкур чун ҷузъи таркибии омодагии касбии муаллими ояндаи забони хориҷӣ дар партави вусъати ақоиди гуманистӣ арзёбӣ мегардад.

Яке аз тамоюлҳои асосии воқеияти муосири фазои таҳсилот гузариш ба низоми (парадигма) арзишҳо мебошад. Арзишҳои педагогӣ меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки низоми таҳсилоти амалкунандаро дар баррасии инсон чун шахсияти фаъоли худогоҳ, худшинос ва худомуз рӯйи кор меоранд.

Ба ақидаи мо, моҳияти ташаккули афкор ва хислатҳои гуманистӣ ба омодасозии муаллими ояндаи забони англисӣ дар шароити муосир дар самтҳои зерин зуҳур меёбад:
- дарки арзишҳои гуманистӣ, шахсияти инсон чун таҷассумгари ғояҳои олии умумиинсонӣ дар ҳар як давраи ташаккул ва рушди он;
- ҳамгироии донишҳо аз рӯи ихтисоси интихобшуда ва тасаввурот дар бораи некӣ, ҳақиқат, адолат, меъёрҳои ахлоқии ҷомеа;
- дарки талаботҳои муаллими забони англисӣ ба худмӯзии мунтазаму муттасили ҳам шахсият ва ҳам субъекти фаъолияти касбӣ;
- мавҷудияти ҳавасмандии устувору мусбии педагогӣ;
- дарки амал дар фаъолияти ояндаи касбӣ-педагогӣ чун рукни ташаккули шахсият.

Бояд зикр кард, ки омӯзиш ва донистани забони хориҷӣ на танҳо симои шахсияти бомаърифат, балки талаботи ногузири ҷомеа низ маҳсуб меёбад. Дар сурати паст будани сифати таҳсилот на танҳо нерӯи зеҳнии мамлакат, балки иқтидори маънавии он низ коста мегардад, имкони соҳиб шудан ба арзишҳои моддӣ ва маънавиро маҳдуд месозад.

Аз ин рӯ, масъалаи парвариши хислат ва рафтори гуманистӣ дар раванди омодасозии муаллими забони хориҷӣ ба масъалаи мухими раванди таҳсилот табдил меёбад. Таҳлил ва омӯзиши адабиёти фалсафӣ, педагогӣ, ҷомеашиносӣ ва равоншиносӣ дар татқиқоти ин масъала ба муайян намудани самтҳои асосии татбиқи консепсияи башардустӣ (гуманистӣ) роҳи васеъ мекушояд.

Нисбати масъалаи генезис, ташаккул ва рушди ғояи гуманистӣ гуфтанием, ки сарчашмаи ғояи гуманистии халқи тоҷикро мо дар эҷоди қадимтарин арзишҳои фарҳанги ориёӣ арзёбӣ менамоем. Ин фарҳанг ҳануз то пайдоиши дини зардуштӣ ба зуҳур омадааст.

Ақида нисбати он, ки ғояҳои пешқадами гуманизм танҳо меваи тафаккури аврупоӣ (қадимаву асримиёнагӣ) мебошад, ба далелу санадҳои таърихӣ мувофиқ нест. Сабаб дар он аст, ки замоне, вақте дар Аврупо нишонаҳои гуманизм ва давраи Эҳё ба вуҷуд омад, вақте таърифоти илмии гуманизм дар бораи Мисри қадим ташаккул ёфт, дар ин бора касе тасаввури комил надошт. Рушди соҳаҳои шарқшиносӣ дар асрҳои XIX-XX барои илм ҷаҳони тамоман нави Шарқи Қадимро кашф намуд. Дар ин бобат ёдгориҳои адабӣ шоҳиди ҳоланд.

Ривоятҳо ва таҳаввули маънавӣ дар дини зардуштӣ мазмуни нав ба худ касб кард ва ба ҷузъи таркибии фалсафаи ахлоқ ва шуури гуманистии бани одам табдил ёфтанд. Принсипҳои асосии зардуштӣ чун дини одилу порсоён, афкори нек, гуфтори нек ва рафтори нек ба нишон мерасад. Ҳадафи асосии он - ғолибияти некӣ аз болои бадӣ, рӯшноӣ бар торикӣ буда, вазифаи муҳимтарин – нидо суйи одамони озодфикр ҷониби маърифат, дарки ҳақиқат ва имон, ҳикмат ва ҳайёти хушбахтона аст.

Эҷоди алломаҳои илму фарҳанг дар асрҳои IX-X ба эҳёи фарҳанг ва забони давлатӣ, ташаккули шууру худшиносии миллӣ мусоидат намуд. Ба шарофати саъю кӯшишҳои мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик гуманизм моҳият ва арзиши умумиинсонӣ пайдо кард. Бо боварии комил метавон гуфт, ки маҳз шоирону олимони давраи Сосониён ва Сомониён бори нахуст консепсия ва ғояи башардӯстиро ташаккул додаву ба низом даровардand ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод карданд. Ғояи миллии гуманистӣ аз ангезиши берунаву зоҳир ба олами ботинии инсон, арзишҳову анъанаҳои фарҳанги тоҷикон қадам гузошт.

Ҳадафҳои асосии раванди таълим дар низоми силсилапайвасти таҳсилоти гуманистӣ, назар ба ақидаи олимон, «рушди асосии арзишҳои шахсият» (И.А.Зимняя); «худмуаррифии шахсият» (В.В.Сериков); «рушди шахсият чун субъекти фаъолияти эҷодӣ» (В.А.Сластенин) арзёбӣ мегардад. Қобили қабул аст, ки консепсияи антропосентрии И.А. Зимняя, ки аз он аксари муҳаққиқон ҷонибдорӣ мекунанд, аз нигоҳи таҳсилоти гуманистӣ ҳамчун қисми соҳибмаънои низоми маълумоти умумӣ, ки мақсаду мазмун ва шаклҳои таҳсилотро чун нишони гуманистӣ ба худ мегирад, баррасӣ меёбад. Аз ин лиҳоз хулоса кардан мумкин аст, ки зери таъмини инсогаройии низоми таҳсилот фаъолияти ҳамаҷониба дар самти ташкили фазои педагогӣ дар назар дошта мешавад, ки мувофиқи он ҳадафҳои гуманистии таълим мазмуну моҳияти мушаххас касб мекунад. [3].

Азбаски фаъолияти педагогӣ бе назардошти шахсияти муаллим, ки субъекти фаъоли фазои таълиму тарбия мебошад, номумкин аст, бинобар ин самти гуманистии фаъолияти ӯ

таваҷҷуҳи махсуси касбиро ба ҷараёни педагогӣ ва эҳсосоти мусбӣ тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз самти гуманистии фаъолияти муаллим, аз ҷумла, омӯзгори забони хориҷӣ дар ҷараёни ҳалли масоили умумии психологӣ-педагогӣ дар ҳошияи зуҳури маҳорати инфиродӣ ва касбии вай равшан мегардад.

Пойгоҳи бунёдии муқаррарии вижагиҳои гуманистии ҷараёни таҳсилот дар радифи тағйири хусусиятҳои ҳамкории омӯзгору донишҷӯ зоҳир мегардад ва ба донишҷӯ чун субъекти асосии ҷараёни таълим диққату эътибори махсус дода мешавад. Дар ин ҷода принсипҳои асосии таълимро хусусиятҳои инфиродӣ, тафриқӣ, демократӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳанд. Табодули тамоюли маълумот ҷониби фарҳеҳтагии фарҳанг донишҷӯро донишманд ва бомаърифат мегардонад, доираи рушди тафаккури ӯро ғанӣ сохта, фикркунӣ ва фикрроониро ёд медиҳад, таваҷҷухи вайро натанҳо ба қабули донишҳои тайёр, балки ба эҷодкорӣ равона месозад.

Гуманизатсияи ҷараёни кунунии таълим рушди комили шахсияти донишҷӯ, зуҳури пешрафти ақливу неруи зеҳнии ӯро ба ҷилва оварда, таҳаввули низоми таҳсилотро чун ҷузви ягонаву ногусаста таъмин менамояд. Ғояҳои тавъам бо ақоиди фарогири низомнокии комил, хусусиятҳои такмили ҳамаҷонибаи объекти педагогӣ аз лиҳози миқёсу дараҷа, ки технологияи муосири гуманистии таҳсилотро доир менамояд, водор месозад, ки ҷустуҷу ва дарёфти шаклу усули пуразиши таълими забони хориҷӣ, роҳҳои самараноки ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯ – муаллими ояндаи фанни зерин дастрас гардад.

Бар асари таҳлилҳои ба амал оварда масоили гуманистии низоми таҳсилот ташаккули ҷаҳонбинии инсонгаройии омӯзгори оянда ва фаъолияти ӯро аз нигоҳи арзишҳои миллӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ аз рукнҳои муҳим мешуморад ва коркарди мутақобилаи пойгоҳи иҷтимоӣ-касбиро дар фаъолияти гуманистии муаллим ба миён мегузорад.

Арзишҳои гуманистӣ табиатан бо ақл ва нерӯи зеҳнии инсон алоқаманд буда, волоияти арзишҳои маънавӣ ва фикрии ӯро эътироф менамояд. Аз ин рӯ, масъалаҳое ба миён меоянд, ки ба афзалнокии хислатҳои гуманистии омӯзгори оянда муносибат дошта, сабаб ва омилҳои шахсӣ-иҷтимоии ӯро амиқ равшан месозанд.

Гуманизатсияи таҳсилот татбиқи амалии муносибати ҳасанаи байни омӯзгору донишҷӯро нисбати принсипҳои вусъати ҷаҳонбинии муаллими оянда, ки дар ҳусни эҳтиром ва ғамхорӣ ба атрофиён ва ҳамкорон зуҳур меёбад, пешбинӣ менамояд. Дар ин бобат дар маркази таваҷҷӯҳи педагогӣ манфиатҳои касбии субъектҳои таҳсилот, ташаккули ақоиду муносибатҳои гуманистӣ байни онҳо гузошта мешавад. Моҳиятан, сухан дар бораи ташаккули шахсияте меравад, ки дар ҷомеа мақом ва манзалати воло дорад.

Ба пиндори мо самти инсонгароёнаи таълим аз меъёрҳои вазъи ахлоқӣ ва арзишҳои муносибати байниодамон вобастагӣ дорад. Дар соҳаи маориф он ба сифати моилшавӣ ва рӯоварии омӯзгор ба хислатҳои волои инсондӯстӣ, тарбияи насли наврас дар пойгоҳи афзалнокии ақидаву арзишҳои башардустӣ инъикос мегардад. Дар фаъолияти касбии муаллими оянда он ба шакли дастгирӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, расонидани ёрӣ дар таълим, мусоидат намудан дар таълиму рафтор доир мегардад.

Низоми омода намудани муаллими ояндаи забони хориҷӣ (англисӣ) зимни фалсафаи нави гуманистӣ дар фазои таҳсилот ба пешниҳоди маҷмуи шароитҳое нигаронида шудааст, ки шахсияти мактаббача дар муҳити озоду ором рушд меёбад ва амал мекунад. Нақшаи ба шахсият нигаронидашудаи таҳсилот зимни омузиши забони хориҷӣ (англисӣ) манбаи асосӣ ва нерӯи қавии ҷараёни таълим маҳсуб меёбад. Татбиқи амалии он бо фароҳамсозии шароити мусоиди иҷтимоӣ-педагогӣ алоқаи зич дорад.

Дар маҷрои гуманисозии таҳсилот ҳини омӯзиши забони англисӣ (ҷалби мактаббачагон ба арзишҳои умумибашарӣ, рӯоварӣ ба хулқу атвори ҷавонмардӣ) такмили шаклу усулҳои пешқадами таълим, ки ба пешрафти мақоми омӯзгор ва рисолати хонандагон дар ин самт, парвариши сифатҳои мустақили рушд ва фаъолмандии онҳо мусоидат менамояд, нақши бузург мебозад.

Гуманизатсияи раванди таҳсилот ва иштироки фаъоли омӯзгор дар татбиқи ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда маҳаки асосии таълим ва тарбияи насли наврас шуморида мешавад.

Арзишҳои гуманистӣ талқини хулқу атвори наҷиб, накӯкорӣ, ахлоқи ҳамида, волоияти ҳақиқат, зебоипарастӣ мебошад.

Литература

1. Газман О.С. От авторитарного образования к педагогике свободы / О.С. Газман [Текст] // Новые ценности образования. Вып. – 2. М.: Инноватор, 1996. – С. 16 – 45.
2. Лутфуллоев М. Гуманистическая миссия образования / М. Лутфуллоев [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 1994. - 170 с.
3. Зимняя И.А. Психология обучения иностранным языкам в школе / И.А. Зимняя [Текст]. - М., 1991. - С. 33-34.
4. Гузеева И.Ю. Формирование профессионально-значимых ориентаций будущего учителя в условиях педагогического колледжа / И.Ю. Гузеева [Текст]: дис. ... кан. пед. наук. - Оренбург,1988. - 166 с.
5. Макарычева Н.В. Формирование профессионально-ценностных ориентаций студентов в условиях гуманизации образовательного процесса педагогического колледжа / Н.В. Макарычева [Текст]: дис. … канд. пед. наук. - М., 2003. – 388 с.
6. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикских школ / И.Х. Каримова [Текст]: автореф. дис. … д-ра. пед. наук. - Душанбе, 2000. – 52 с.

Маълумот дар бораи муаллиф:

Тағайназарова Манзура Суфхоналиевна – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел: 905-11-98-11

ТАВАҶҶУҲ БА МУАЛЛИФОН!

Олимон, омӯзгорону кормандони илмӣ, ҳамкорони кафедраҳо ва озмоишгоҳҳои мактабҳои олӣ, донишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ, аспирантон, унвонҷӯён, магистрантон, донишҷӯён, роҳбарони корхонаҳои саноатӣ, ихтироъкунандагони маҳсулоти нав, сармоягузорон ва намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатиро ба ҳамкорӣ даъват менамоем.

Оид ба масъалаҳои нашри мақолаҳо дар маҷаллаи илмии **Паёми Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон** “Силсилаи тадқиқотҳои муҳандисӣ, инноватсионӣ ва сармоягузорӣ” дар суроғаи додашуда муроҷиат намоед:

- котиби масъул: **Аминов Дилшод Саидович** телефон: +992888119993;

Дархости роҳномаи мақолаҳо бо суроғаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон 735162, н. Кӯшониён,ҷ/ш Бохтариён, кӯчаи Н.Хусрав 73, бинои раёсати ДЭТ;

-сармуҳаррири маҷалла ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон;

Исозода Диловаршоҳ Тариқ.

Почтаи электронӣ: **E-mail:** vestnik.det@mail.ru

Талабот барои омода кардани маърӯзаҳо:

Матн дар компютер бо редактори Word (форматidoc,RTF), шрифти Times New Roman ё Times New RomanTj (барои маърӯзаҳо бо забони тоҷикӣ), андозаи 12, бо фосилаи байни сатрҳо 1 ва сархати 1,25 см навишта мешавад. Андозаи ҳошияҳо: аз боло, аз поён, аз чап ва рост 2,0 см. Дар поёни вай аз мобайн бо ҳарфҳои калони серранг номи маърӯза навишта мешавад. Пас аз он як сатри холӣ гузошта, аз мобайн насаб ва сарҳарфҳои ном ва номи падар дар поёни ном номи корхонае, ки дар он ҷо кору фаъолият менамоед навишта мешавад. Аз сатри нав аннотатсия ва калидвожаҳо навишта мешавад. Матни маърӯза пас аз гузоштани як сатри холӣ бо сархат навишта мешавад. Расмҳо ва графикҳо бояд ба таври рӯшану фаҳмо тасвир карда шаванд ва номгӯи он дар поён бо ранги сиёҳ зикр карда шавад. Адабиёти истифодашаванда дар охири матни асосӣ бо тартиби ёдрасиашон дар матн бо рақамгузории ботартиб дар қавси фигуравӣ оварда мешавад. Мақолаҳо дар барномаи “**Антиплагиат**” санҷида мешаванд.

Саҳифаҳоро рақамгузорӣ накунед.

Маълумот дар бораи муаллифон.

Дар охири мақола муаллиф вазифадор аст, ки насаб ном ва номи падарро пурра навишта, дар давоми он вазифа ва ҷои кор, номи пурраи ташкилот, шаҳр, мамлакат ва суроғаи худро дарҷ намояд.

Ҳайати таҳририяи маҷалла ҳуқуқ доранд, ки мақолаҳои дертар аз муҳлат воридшуда ва мазмуну мундариҷаашон номувофиқро ба назари эътибор нагирад.

Намунаи тартиб додани маърӯза

Номи маъруза- бо забони тоҷикӣ ва русӣ
Аннотатсия- бо забони тоҷикӣ ва русӣ
Вожаҳои калидӣ - бо забони тоҷикӣ ва русӣ
Муқаддима.
Таҳлили асосӣ.
Хулоса.
Адабиёт.
Маълумот дар бораи муалиф (он).

Қоғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ
Теъдоди нашр 50 нусха
Маълумоти пурраи электронии маҷалларо дар сомонаи
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дастрас карда метавонед.